**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (734061, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, ½)**

# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ Ҷумъаев Б.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзӯи «Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти унвони номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси: 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 –Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

## I. Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.

Дар марҳилаи муосири рушди хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сатҳу сифати некуаҳволии аҳолӣ ва ба дараҷаи назаррас ба такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ алоқаманд аст. Сатҳу сифати хизматрасониҳои маишӣ ба аҳолӣ омили муҳими қонеъсозии тақозои фардии инсоният буда, ба он ҳиссаи муҳими бахши хизматрасонии мамлакат рост меояд. Новосабта аз оне, ки дар қисматҳои алоҳидаи бозори чунин намуди хизматрасониҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи охир тағйироти мусбӣ ба вуқуъ пайвастанд ва тақозо ба ин намуди хизматрасониҳо баланданд, сатҳи рушди соҳа нисбати иқтидори мавҷуда кофӣ нест ва нархгузории он зарурати такмили танзими давлатии соҳаро ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам минтақавӣ тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи асосҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар минтақаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан вилояти Хатлон муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Вобаста ба мавҷудияти ин масъалаҳо, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудаанд, ки аз асосноккунии назариявӣ ва баррасии пешниҳодҳо доир ба такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ иборат аст.

## II. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ мувофиқат мекунад:

2. Тамоили муосири рушди шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ дар соҳаи савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ;

3. Ташаккул ва рушди бозори савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ;

17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ;

26. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ;

29. Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ;

33. Такмили ташкил ва идоракунии самтҳои гуногуни фаъолияти субъектҳои савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ;

40. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ.

## III. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Муаллифи кори диссертатсионӣ натиҷаҳои назарраси назариявӣ, методологӣ, методӣ ва амалиро, ки дар таҳқиқоти мазкур инъикос ёфтаанд ва дорои унсурҳои навгонии илмии зерин мебошанд, асоснок намуда, ба ҳимоя пешниҳод кардааст:

– асосҳои консептуалии рушди соҳаи хизматрасонӣ, бо назардошти афзудани нақши он дар таъмини рушди иқтисодии низоми иқтисодиёти бозорӣ асоснок карда шуда, ҳамчунин равишҳои назариявӣ ва хусусиятҳои истифодаи онҳо дар соҳаи хизматрасонии мамлакат дар шароити иқтисоди бозорӣ аниқ карда шуданд;

– моҳияти иҷтимоию иқтисодии хизматрасонии маишӣ омӯхта шуда, нақши он дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ бо назардошти зарурият ва пешниҳоди ин хизматрасониҳо ва ҷавобгӯ будани онҳо ба талабот дар раванди рушди соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ муайян карда шудааст;

– аз тарафи муаллиф хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ муайян карда шуда роҳҳои мухталифи амалисозии онҳо пешниҳод карда шудааст;

–таҳлили вазъи хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон ба роҳ монда шуда, омилҳои таъсиррасон ба онҳо муайян ва 12 амсилаи фаъолгардонӣ дар соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ таҳия карда шудааст;

– консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ пешниҳод карда шуда, механизми дастгири давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ такмил дода шудааст;

– самтҳои афзалиятноки такмили низоми танзими давлатӣ ва худтанзимкунӣ, ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар асоси амсиласозии бисёромилаи иқтисодию риёзӣ асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

**IV. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд, дар натиҷаи таҳлили шумораи зиёди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таълифоти олимону муҳаққиқон доир ба масоили такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, татбиқи усулҳои муосири ҷамъкунӣ ва коркарди иттилоот, инчунин истифодаи васеи маълумоти оморӣ ва усулҳои муосири таҳқиқот ба даст оварда шудаанд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаву тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо натиҷаҳо ва навгониҳои илмии аз ҷониби муаллифи

диссертатсия мустақилона ба даст овардашуда, муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, инчунин интишороти натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда тасдиқ гардидаанд.

**V.Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳия гардидаро метавон ҳамчун саҳми назаррас дар раванди такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ эътироф кард. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар самти рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, минтақаҳою соҳаи хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ имконият фароҳам меоранд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муқаррарот ва тавсияҳои аз ҷамъбасти диссертатсия пешниҳодгардида метавонанд дар раванди ташкил ва идоракунии соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар вилояти Хатлон ҳамчунин ҳангоми омӯхтани фанҳои «Менеҷмент», «Иқтисодиёт ва ташкили соҳаи хизматрасонӣ», «Макроиқтисод», «Молия», «Иқтисод ва ташкили соҳибкорӣ» дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шаванд.

**VI. Тавсифи умумии кори диссертатсионӣ.**

Кори мазкур аз пешгуфтор, ки дар он мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардидаанд, се боб, ки мазмуни умумии мавзӯъро муайян менамоянд, иборат мебошад. Диссертатсия аз 228 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, дар он 30 ҷадвал ва 20 расм ҷой дода шудааст. Рӯйхати адабиёт аз 211 номгӯй иборат мебошад.

Дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, дараҷаи навгонии илмӣ, мавзӯъ ва объекти таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, пойгоҳи иттилоотӣ асоснок карда шуда, инчунин муқарароте махсус қайд карда шудаанд, ки навгонии илмӣ ва аҳамияти илмӣ-амалӣ, таъйидии натиҷаҳои бадастомадаро тавсиф менамоянд (С.4-15).

Дар боби якум -– “ Асосҳои назариявию методии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити бозор”, соҳаи хизматрасонӣ дар сохтори низоми иқтисодиёти миллӣ, моҳияти иҷтимоию иқтисодӣ ва нақши хизматрасонии маишӣ дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ ва хусусиятҳою масоили низомии танзими хизматрасониии маишӣ ба аҳолӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (С.16-64).

Дар асоси таҳқиқи асосҳои илмӣ – ташаккулии хизматрасониҳои маишӣ, моҳияту маънии мафҳумҳои поягии он, муаллиф тафсири хизматраосниҳои маиширо ба роҳ монда, вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ соҳаро мушаххас ва намудҳои онро гурӯҳбандӣ мекунанд. Ба андешаи муаллиф “рушди соҳаи хизматрасонӣ ин кафили тараққиёти муваффақи ҷомеа буда, ҳамкории зичи соҳаи хизматрасонӣ бо зерсохтор ва рушди он зарурати объективӣ маҳсуб меёбад.” (С. 24). Муаллиф дар диссертатсия омилҳои сегментатсияи хизматрасониҳои маиширо муқаррар намуда, вазифаи идоракунӣ ва ташаккули механизми идораи рушди соҳаи хизматрасониро дар сатҳи миллӣ асоснок менамояд.

Муаллифи таҳқиқот бар он ақида аст, ки вазифаи иқтисодии идоракунии давлатӣ аз истифодаи нисбатан мақсадноки захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ барои таъмини талаботи аҳолӣ ва таъмини сатҳи зарурии зиндагии онҳо иборат мебошад (С. 26).

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки соҳаи хизматрасонии маишӣ аҳамияти калони иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, афзоиши сифати зиндагии аҳолӣ ба он пайваста аст (С. 37).

Дар асоси таҳлили хусусиятҳо ва масоили низоми танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ муаллиф як қатор омилҳоеро ошкор менамояд, ки рушди соҳаи хизматрасонии маиширо дар минтақаҳо ва маҳалҳо мушкил мегардонанд. Дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои аввалия дар диссертатсия усулҳои танзими соҳаи хизматрасонии маишӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд, роҳҳои танзими давлатии хизматрасонии

маишӣ муқаррар ва низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ дар ҶумҳурииТоҷикистонро пешниҳод карда шудаанд.

Натиҷаи таҳқиқоти аз ҷониби муаллиф иҷрогардида нишон медиҳад, ки нақш ва аҳамияти соҳаи хизматрасонии маишӣ дар иқтисодиёти миллӣ хело назаррас буда, бо назардоштани рушди он сиёсати давлатии ба иҷтимоёт нигаронидашуда ба мақсади баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти он амалӣ каррда мешавад. Дар умум ба ақидаи муаллиф соҳаи хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дорои имконоти бузург ва пешомадҳои рушд аст, аммо ба танзим ва дастгирии давлатӣ ниёз дорад.

Дар боби дуюм – “Вазъи имрӯза ва рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ дар вилояти Хатлон”, арзёбии вазъ ва рушди иқтисодиёту соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили ҳолати хизматрасонии маишӣ ба аҳолии кишвар ва вилояти Хатлон, инчунин таҷрибаи ҷаҳонии хизматрасонии маишӣ ва низоми танзими он таҳқиқ шудааст (С.65-117).

Дар дисертатсия дар асоси арзёбии вазъ ва рушди соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосабарорӣ карда мешавад, ки дуруст ба роҳ мондани низоми танзими давлатӣ, дастгирии дурусти сармоягузорӣ имконият медиҳад вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он хеле беҳтар гардида, таъмини рушди устувор ба роҳ монда шавад (С. 65-79).

Аз нигоҳи муаллиф инкишофи хизмати маишӣ бо афзоиши даромади пулии аҳолӣ ва қонеъ гардондани талабот ба ин хизматҳо, инчунин беҳтар намудани кори шуъбаи хизматрасонӣ ва ба тариқи оптималӣ идоракунии фаъолияти онҳо ва дастгири шарикию давлатию хусусӣ алоқаи зич дорад (С. 89).

Ба андешаи муаллиф барои беҳтар намудани бозори минтақавии хизматрасониҳои маишии пулакӣ ба баланд бардоштани сифати онҳо, ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад, такмили низоми идоракунӣ ва танзими давлатӣ дар сатҳи миллӣ ва субъектҳои ҳудудии он

ба амалисозии ҳадаффҳои гузошташудаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 мусоидат менамояд (С. 73).

Дар асоси натиҷаи назарсанҷӣ дар диссертатсия барои рушд ва такмил додани бозори минтақавии хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолӣ тадбирҳои зарурӣ дар самти дастрасии ҳудудии ташкилотҳои хизматрасонӣ, баланд бардоштани нақши институтҳои давлатӣ, такмили механизми танзими давлатии бозори минтақавии хизматрасонии пулакӣ, ва ғ. пешниҳод карда шудаанд (С. 98-99).

Дар асоси таҳқиқи таҷрибаи хориҷи муаллиф дуруст хулосабарорӣ менамояд, ки тараққиёти соҳаи хизматрасонии маишӣ ҷустуҷуи роҳҳои беҳтар намудани кори ин соҳаро дар асоси аниқ муайян намудани ҳаҷми ҳар як намуди хизматрасонӣ, такмили низоми идоракунии корхонаҳои соҳаро тақозо мекунад.

Дар боби сеюм – “Самтҳои асосии такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ” консепсияи минтақавии низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ, дастгирии давлатӣ ва танзими хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ, инчунин самтҳои такмили низоми танзими давлатӣ ҳангоми расонидани хизматрасонии маишӣ ба аҳолии вилояти Хатлон таҳия ва пешниҳод карда шудааст (С.118-185).

Муаллиф бо гузаронидани таҳлили ояндадори таҷрибаи муосири ташаккул додан ва ташкили хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ Консепсияи рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ барои солҳои 2025-2030 пешниҳод намуда, ҳадафҳо ва вазифаҳои дар он пешбинишавандаро муқарар менамояд. Ҳамзамон таҳияи стандарти давлатии ҳадди ақали кафолатнок ба дастраси ба хизматрасониҳои иҷтимоиро зарур мешуморад.

Ҷолибияти махсусро дар диссертатсия таҳияи амсилаи пешниҳоди хизматрасониҳои маишӣ дар асоси принсипҳои шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ ва амсилаҳои ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои соҳибкорӣ дар соҳаи хизматрасонӣ касб менамояд. Ба ақидаи

муаллиф таҳия ва татбиқи консепсияи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ дар вилоят бояд дар шароити муносиби ҳуқуқӣ сурат гирад (С. 139).

Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои ниҳоии амали шудани барномаҳои мақсаднок дар вилояти Хатлон муаллиф хулоса менамояд, ки дар низоми муосири танзими давлатӣ ва минтақавии нишондиҳандаҳои пешгӯӣ натиҷаҳои таъсир, самтҳои мушаххас, чораҳо ва воситаҳои муайянро инъикос намекунанд. Ба андешаи муаллиф сабаби ин, аз ҷумла, набудани пешгӯиҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки боэътимоди рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон мебошад.

Дар асоси ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада дар диссертатсия самтҳои асосии рушди минбаъдаи соҳа дар асоси ҷорӣ намудани механизмҳои шарикии давлатию бахши хусусиро пешниҳод карда шудаанд (С.178-184).

Мо нуктаи назари муаллифро оид ба истифодаи Веб-хизматҳо дар раванди муосири рақамикунонӣ, дастгирии ҳуқуқӣ, ташаккули зерсохтори оқилонаи дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи хизматрасонии маишӣ пурра дастгирӣ менамоем.

Дар хулосаву пешниҳодот натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҷамъбаст гардидаанд.

**VII. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб дар диссертатсия.**

Новобаста аз он, ки пурра ҷанбаҳои мусбати кори тақризшавандаро зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1. Сифати кор боз ҳам беҳтар мешуд, агар муаллиф ҳангоми омӯзиши асосҳои назариявию методии рушди соҳаи хизматрасонии маишӣ фарқияти мафҳумҳои “хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ” ва “хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ”-ро возеҳтар ҷудо намуда, қоидаи муаллифии “хизматрасониҳои маишӣ”-ро дар пешниҳод менамуд.

2. .Натиҷаи таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ҳиссаи моликияти давлатӣ дар соҳаи хизматрасониҳои маишӣ ба 11,43 банди фоизӣ зиёд гардидааст, ки накши аввалиндараҷаи моликиияти хусусиро дар иқтисоди бозорӣ зери суол мегузорад. Аммо дар диссертатсия сабабҳои афзоиши молиякияти давлатӣ дар муқоиса ба моликияти ғайридавлатӣ ба таври муфассал оварда нашудааст.

3. Таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф оид ба вазъи хизматрасонии пулакию маишӣ ба аҳолӣ дар вилояти Хатлон дар асоси гузаронидани назарсанҷишҳо ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон маҳдуд мегардад. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар чунин таҳлил дар асоси истифодаи усулҳои иловагии ҷамъоварии иттилоот аз қабили мушоҳидаронӣ, контент таҳлил ва ғ. ба роҳ монда мешуд.

4. Дар диссертатсия дар асоси таҳқиқи нишондиҳандаҳои ниҳоии амали шудани барномаҳои мақсаднок дар вилояти Хатлон хулосабарорӣ карда мешавад, ки бо мурури замон нишондиҳандаҳои пешбинишаванда ва самаранокии барномаҳо паст мегарданд. Сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф сабабҳои пастравии самаранокии барномаҳои мақсаднокро дар вилоят дақиқтар намуда, имконияти ба ҳадди ақал расонидани онро бо дарназардошти татбиқи низоми самараноки назорат ва идоракунии барномаҳои соҳавӣ пешниҳод менамуд.

5. Дар боби сеюм мавқи махсусро тарҳрезии дурнамои хизматрасонии маишӣ дар вилояти Хатлон то соли 2030 бо истифодаи барномаи MC EXCEL ва интихоби омилҳои таъсиррасон касб менамояд. Аммо чунин тарҳрезӣ танҳо дар мисоли 5 шаҳру ноҳияҳои Вилояти Хатлон маҳдуд мегардад. Сифати кор боз ҳам хубтар мегардид, агар муаллиф чунин дурнаморо барои тамоми шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон низ манзур менамуд.

Бо ибрози чунин нуктаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

**VIII. Мувофиқати диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба «тартиби додани дараҷаи илмӣ»**

Автореферат фарогири мундариҷаи диссертатсия буда, интишороти муаллиф дар сатҳи кофӣ мундариҷаи корро дар бар мегиранд.

Умуман диссертатсияи Шарифова Дилором Мустафоқуловна дар мавзӯи "Такмили низоми танзими давлатии хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар сатҳи баланди илмӣ–методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои қомиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 –Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Б.М. Ҷумъаев**

**Суроға:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
тел.: (+992 934888670), E-mail: j_bahoviddin@mail.ru

Имзои Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназарович –доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон»-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҷӯраев Ш.Н.